# Роҳи пуршарафи истиқлол

Давлат, агар маҷозан гӯем, як маъвои бузург ва як оилаи калонро мемонад. Барои он ки ин хонадон ободу зебо ва фаровон бошад, аҳли оила хӯрондаву пӯшонда шаванд, хароҷоти зиёде талаб карда мешавад. Ва он ба зиммаи сардори хонадон ва ё оила масъулияти калонро мегузорад. Вай бояд донад, ки чӣ мерасаду чӣ намерасад, чӣ бояд кард, ки ҳаёт аз ин ҳам фаровонтар гардад. Баробари ин аз хусусиояндаи ин маъво ва ё оила ғамхорӣ кардан ҳам масъулияти калонро металабад.

Ӯзбекистон ҳам маъвои калон, оилаи калонро мемонад. Сардори он Президент аст ва аз ин рӯ мебояд пайваста дар ин бобат ғамхорӣ зоҳир кунад, ки ин маъвову оила аз сериву пурӣ баҳравар гардад, дастархон фаровон бошад, ҳамагон нововобаста аз миллату нажод, эътиқод, синну сол мувофиқи саҳми гузоштаашон аз тамоми ин неъматҳо баробар бархурдор бошанд.

Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов аз рӯзҳои аввали истиқлолият аз паи фаровонии кишвару моломолии дастархони мардуми мо шуда, ташаббускор ва ташкилотчии тамоми ислоҳотҳое гардид, ки дар бадали ёздаҳ соли истиқлолият кишвари моро ба куллӣ тағйир дода, меваҳои аввалини ширини худро мебахшад. Ва мо онро пеш аз ҳама шарофати сиёсати дурандешонаи роҳбарияти мам-



лакат ва роҳи ба худ хоси пешрафтро интихоб кардани Ӯзбекистон медонем, ки онро алҳол на танҳо ҳамсоягон, балки саросари ҷаҳон эътироф намудааст.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар рисолаҳои худ:«Ӯзбекистон: роҳи худии пешрафт ва тараққиёт» ва «Ӯзбекистон давлати ояндааш бузург», ки солҳои аввали истиқлолият иншо гардидаанд, дар хусуси консепсияи худии гузариш ба шароити нав мубодилаи афкор намуда, роҳи худии азнавсозӣ ва пешрафтро баён карда, зикр намуда буданд, ки самараи онҳоро мо дар солҳои наздик эҳсос ҳоҳем кард. Ва консепсияи мазкур, ки ба Ӯзбекистон хосу мос буданаш ба алоҳидагӣ ба забон гирифта мешавад, панҷ усулиятеро дар бар гирифта буд, ки асоси роҳи худии азнавсозиву пешрафтро ташкил медод.



Акнун саволе ба миён омаданаш мумкин аст: асоси шакли ӯзбекистонии пешрафтро чӣ ташкил дод, хусусиятҳои ба худ хоси он аз чиҳо иборат буданд ва онҳо алҳол дар ҳаёти воқеии мо чӣ тавр акси худро пайдо кардаанд.

Мо хуб медонем, ки шакли ӯзбекистонии тараққиёт ва пешрафт аз панҷ усулият иборат аст, ки алҳол дар ҳаёт собитқадамона татбиқ гардида, меваҳои ширини худро мебахшад. Ва халқи мо дар тӯли солҳои истиқлолият ин усулиятҳоро, яъне иқтисодиёт набояд :мутеи» сиёсат бошад, танҳо давлат, ҳокимияти қонунан интихобшуда ислоҳотгари асосӣ бошад, қонун бояд ҳамеша аз ҳама чиз воло истад, сиёсати инсонпарварона ва пурзӯри иҷтимоӣ, ислоҳот бояд бидуни саросемакорӣ, давра ба давра гузаронда шавад, тахти сарпарастии Президент ва ҳукумати худ собитқадамона ба рӯи об бароварда, натиҷаҳоеро ба даст меоварад, ки онҳоро халқҳои дигар мамлакатҳо дар бадали садсолаҳо таъмин карданд. Агар моҳияти ин усулиятҳоро мухтасар шарҳ диҳем, ин маънӣ бармеоянд: якум, иқтисодиёт ҳеҷ гоҳ набояд дар зери мафкураи сиёсӣ монад. Маҳз давлату ҳокимият, на як гурӯҳ олимону иқтисоддонон бояд самтҳо, сиёсати оқилона, собитқадамона ва ҳамаҷонибафикршударо ба амал бароварда, ба муташанниҷии иҷтимоӣ роҳ нагузорад. Танҳо ба ҳамин васила дар ҳаёт тағйиротҳои мусбӣ ба амал омаданаш мумкин аст. Итоаткорӣ ба қонун. Боз саҳеҳтар баён созем, ин ҳурмат кардани қонун аст. Ҳифзи табақаҳои камбисоти аҳолӣ, оилаҳои серфарзанду мӯйсафедон ва бачагон бо назардошти ҳатмии махсусияти демографӣ, торихӣ, фарҳангии ҷумҳурият. Ва ниҳоят ба сӯи мақсад бидуни ҷаҳишҳои сохтаи инқилобӣ қадам ба қадам бояд ҳаракат кард. Яъне роҳи эволютсионии тараққиёт асоси онро ташкил медиҳад.

Ва халқи мо усулиятҳои мазкурро сармашқи кори худ қарор дода, дар тӯли ёздаҳ соли истиқлол ба сӯи мақсади бузурги худ—таъмини ҳаёти фаровону зебо, бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ гомҳои дилпурона гузошт ва дар поён ҳаракат мекунем, ки оиди ин пешравиҳо, комёбиҳо, дастовардҳо дар соҳаҳои ҷудогона алоҳида-алоҳида сухан ронем ва исбот кунем, ки истиқлол тақдири халқу мамлакати моро то чӣ андоза тағйир додаасту орзуву омоли мо дар бобати аз сафи мамолики аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққии ҷаҳон ҷо пайдо кардани Ӯзбекистони маҳбуби мо чӣ тавр ҷомаи амал мепӯшад.

## 1. Ӯзбекистон магар кишвари аграрист?

Чуноне ки дар боло гуфтем, Ӯзбекистон дар бадали ёздаҳ сол роҳеро тай намуд, ки он ба садсолаҳо баробар аст. Яъне вай аз кишвари агарарии давраи салтанати Шӯроҳо халос гардида, ба мамлакати иқтисодаш серсоҳа, саноаташ мутараққӣ, кишоварзиаш серҷанба мубаддал гардидааст. Ва онро дӯстонамон аз самими қалб муборакбод мегӯянд, барои боз ҳам рушд ёфтани кишвар дасти мадад дароз мекунанд. Душманонамон, баъзе нотавонбинон бошанд, аз зери нохун чирк кофта, онро наҳ мезананд, ину он гӯён ҳаракат мекунанд, ки қадамҳои дилпуронаи давлати ҷавонро инкор кунанд. Баъзе воситаҳои ахбори оммавӣ бошанд, балегӯи онҳоянд ва ҳар бор дар хусуси Ӯзбекистон маводе чоп кунанд, ҳатман истилоҳоти «кишвари аграрӣ»-ро истифода мебаранд. Дар асл магар Ӯзбекистон кишвари аграрист?—чунин савол кӯндаланг ба миён меояд.

Ва он касро ба мушоҳада даъват месозад. Пеш аз ҳама водор месозад, ки ба маънии калимаи «аграрӣ» саҳеҳӣ дароварда шавад.

Маълум аст, ки калимаи «аграр» дар баъзе манбаъҳо ба маънои «саҳро» омадааст, ки аз истилои юнонии «агрос» гирифта шудааст. Дар баъзе манбаъҳо бошад, он ин тавр тавзеҳ дода шудааст: «Хоси замин», «хоси истифодабарии замин». Яъне истилои юнонии онҳо «аграриус» ва «агер» мебошанд. Ва маълум мешавад, ки калимаи мазкур чуноне ки мегӯянд, чанд паҳлӯ дорад. Боз саҳеҳтар гӯем, маънои аслии он «замин», «саҳро» ва «кишоварзӣ» мебошад. Агар доири масъалаи аграрӣ ҳарф зананд, дар он сурат пай бурдан душвор нест, ки сухан дар бораи замину об, фоида бурдан аз он меравад. Вале агар бигӯянд, ки «мамлакати аграрист» онро шунидаву хонда кас нороҳат мегардад. Чунки дар луғатҳо «мамлакати аграрӣ» ин тавр тавзеҳ дода шудаанд: «Мамлакати саноаташ тараққинакарда, аҳолиаш асосан бо кишоварзӣ машғул мегардад» ва ё «мамлакате, ки дар иқтисодиёташ кишоварзӣ самти устувор дорад».

Ва ин маъниро ба Ӯзбекистони имрӯза нисбат додан ба ғайр аз тӯҳмат дигар чиз нест. Чунки Ӯзбекистон он кишваре нест, ки ёздаҳ сол муқаддам буду асоси иқтисодиёташро пахтаву пахтакорӣ ташкил медод. Ҳамон вақт ба ҳудуди ҷумҳурият 70-75 фоизи молҳои истеъмоли халқ оварда мешуд. Ҳатто бомҳои хокпӯши хонаҳоямонро ҳам ниҳолҳои пахта фаро гирифта буданд.

Барои гирифтани молҳои истеъмоли даву ғеҷи зиёд талаб карда мешуд. Алалхусус, ӯтоқҳои кории идораҳои воловақоми собиқ иттифоқро охурча кардан лозим меомад.

Ӯзбекистон ҳамон вақт ҳақиқтан кишвари аграрӣ буд. Зеро агар соли 1928 дар Ӯзбекистон 537 ҳазор тонна пахта тайёр шуда бошад, дар нимаи дуюми солҳои 90-ум ба 2 миллион гектар пахта кошта шуд. Яъне аз се ду қисми заминҳои корамро пахтазор ташкил дод. Соли 1984-ум 5,3 миллион тонна пахта тайёр карда шуда, марказ ба зиммаи халқи меҳнатдӯсту ҷафокаши мо нақшаи навомода сохтани 6 миллион тонна пахтаро гузошт. Заминҳоямон саросар аз нуриҳои маъданӣ ва моддаҳои кимёвӣ хароб гардиданд. Одамон саломатии худро аз даст доданд. Таҳдид ба ирсияти миллат воқеӣ гардида буд. Талаботи ҷумҳурият ба маҳсулоти нафт, ғалла, энергетика ва ғайра баробари овардани он берун аз ҳудуди Ӯзбекистон қонеъ гардонда мешуд. Масалан, Ӯзбекистон барои хӯрондани аҳолии худ ҳар сол 5 ва 5,5 миллион тонна ғалларо харид мекард. Соли 1990 бошад, Ӯзбекистон қариб 5,7 миллион тонна маҳсулоти нафтиро берун аз ҳудуди худ овард.

Аз ин рӯ мақсади аввалиндараҷа таъмин кардани муста-



қилияти ғалла, нафту энергетика қарор дода шуд ва барномаҳои аз нигоҳи илмӣ асоснокгардидае таҳия гардиданд, ки самтҳои устувори рушди иқтисодиёти давлатро муайян карда, вазифаҳои мушаххаси ҳар як давраи он муайян гардиданд.

Алҳол ба касе сир нест, ки нафт ин асоси истеҳсолот ва тамоми иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Барои вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли нафт, газ ва конденсати газ дар мамлакатамон ба такмил додани технология ва таҷҳизоти конҳои мавҷудаи Кӯкдумалоқ, Зеварда, Олон, ки дар ҳудуди Ӯзбекистон фаъолият доштанд, диққату эътибори калон нигаронда шуд. Оқибат, соли 1995, яъне қариб баъди панҷ соли истиқлолият 7,6 миллион тонна нафт ва конденсати газ тайёр гардида, аз Федератсияи Россия ҳамагӣ 200 ҳазор тонна нафт харид гардид. Ҳамин тавр дар бобати таъмини мустақилияти нафту газ икдоми аввалини дилпурона гузошта шуд. Баъди ду сол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ ва конденсати газ ба 7,9 миллион тонна расид ва он талаботи ҷумҳуриятро пурра ба ин маҳсулот қонеъ гардонд. Яъне мустақилияти нафту газ таъмин гардид. Аз соли 1998 Ӯзбекистон низ ба ҷумлаи мамлакатҳое шомил гардид, ки нафту конденсати газ ва ғайраро ба содирот мебарорад ва он манбаи муҳими воридоти асъори озодтабодул мебошад. Чунки бензин, сӯзишвории дизелӣ, мазут ва керосини авиатсионӣ манбаи муҳими даромад дар бозори ҷаҳонӣ гардидааст. Дар ин бобат ба истифода супурдани заводи азнавкоркарди нафти Бухоро нақши калон бозид. Чунки маҳз ба саҳму ғайрат ва саъю кӯшиши беандозаи ин ҷамоа ва дигар корхонаҳои соҳа Ӯзбекистон бори аввал дар тӯли соли 1998 барои ба содирот баровардани 250 ҳазор тонна бензин, 600 ҳазор тонна сӯзишвории дизелӣ, 150 ҳазор тонна мазут, 100 ҳазор тонна керосини авиатсионӣ, 131 ҳазор тонна равған ва дигар маҳсулоти нафтӣ муваффақ гардид ва ин иқдом то ҳоли ҳозир давом дорад. Истихроҷи газ ҳам дар солҳои истиқлолият афзуд. Агар истеҳсоли он соли 1990 ҳамагӣ 40,8 миллиард метри мукаабро ташкил дода бошад, истихроҷи он дар тӯли солҳои истиқлолият беш аз чор маротиба афзуд. Дар айни замон баробари қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёт он ба содирот мебаромадагӣ шуд. Баробари ин кашидани хатти газ ҳам миқдоран ва ҳам сифатан афзуданд. Масалан, вилояти Қашқадарёро гирем. Соли 1990-ум дар ин ҷо ҳарчанд макони асосии истихроҷи гази ҷумҳурият бошад ҳам танҳо 5 фоизи аҳолӣ аз гази табиӣ баҳра мебардошт. Умуман дар солҳои аввали истиқлолият дараҷаи бо гази табиӣ таъмин будани аҳолӣ 43 фоиз, дар деҳот бошад, 17 фоизро ташкил медод. Дар солҳои истиқлолият бошад, ин ҷараён суръатфизоӣ пайдо кард ва алҳол дараҷаи бо гази табиӣ ва оби ошомиданӣ таъмин будан мувофиқи нақша ба амал омадааст. Алалхусус дар деҳот ин дараҷа хеле баланд рафт, ки тасаввур кардан душвор аст. Ва ин кор дар айёме ба иҷро расонда мешавад, ки давлати ҷавон акнун қомати худро рост карда, аз паи амалӣ гардондани мақсади бузурги хеш—ояндаи дурахшон такопу дорад.

Дар бобати таъмин будан бо ғалла ҳам ҳолати Ӯзбекистон душвор буд. Ҳарчанд дар ҷумҳурият шароити мусоид барои тайёр кардани ғалладона бошад ҳам, бо баҳонаи мустақилияти пахтаи мамлакат ба кишти он рухсат намедоданд ва аз дигар ҷамоҳири иттифоқӣ овардани ғалларо роҳи ягонаи дуруст меҳисобиданд. Ва инро далели мазкур тасдиқ мекунад: соли 1990 дар ҷумҳурият 748,2 ҳазор тонна ғалладона тайёр карда шуд, ки 217,8 ҳазор тоннаашро гандум ташкил медод. Ва ин гандум асосан дар заминҳои лалмӣ рӯёнда мешуд. Аз ин рӯ ҳар сол қариб панҷ-панҷуним миллион тонна ғаллаи барои эҳтиёҷи ҷумҳурият зарурӣ аз берун ҳудуди он оварда мешуд.




Вазифаи таъмини мустақилияти ғаллаи ҷумҳурият дар тӯли ёздаҳ соли истиқлолият пурра таъмин карда шуд. Ба ин имсол тайёр шудани қариб панҷ миллион тонна ғалла мисол шуда метавонад ва дар ин бобати фармоиши давлатиро тамоми минтақаҳои ҷумҳурият ба иҷро расонданд. Мактаби хуби зироаткорӣ ва технологияи замонавии рӯёндани ғалладона ба вуҷуд оварда шуд, ки сол то сол дар бобати вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот саҳми арзанда мегузорад. Яъне тамоми соҳаи кишоварзии Ӯзбекистон, минҷумла соҳаи чорводорӣ ҳам асоси саноатиро дар худ ҷорӣ карда, ба саросари ҷаҳон намоиш медиҳад, ки соҳаи кишоварзии Ӯзбекистон дигар қафомонда нест ва он алҳол ба асосҳои саноатӣ такя намуда, фикрҳоро дар бобати мамлакати аграрӣ будани Ӯзбекистон барбод медиҳад.

Дар тӯли ёздаҳ сол мамлакати мо аз кишвари аграрӣ ба диёри саноаташ мутараққӣ мубаддал гардид. Ба ин аз қатори 28 давлати ҷаҳон, ки бо истеҳсоли мошин машғуланд, ҷой гирифтани Ӯзбекистон низ далели раднопазир аст. Саноати кимё ҳам рушд меёбад. Саноати вазнину мошинсозӣ, тайёррасозӣ, сабук, бофандагӣ, хӯрокворӣ, нафту газ рӯ ба инкишоф ниҳодаанд.

61,8 фоизи аҳолии Ӯзбекистон дар деҳот ҳаёт ба сар мебарад. Ва он маънои онро надорад, ки ҳамаи онҳо бо кишоварзӣ машғул мегарданд. Дар деҳот хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва ширкатӣ арзи ҳастӣ карда, муносибатро ба амволу замин ба куллӣ тағйир додааст. Яъне бо миқдори ками қувваи корӣ истеҳсол намудани маҳсулоти арзону хушсифат мақсади асосӣ қарор дода шудааст. Ин бошад, аз кишоварзӣ озод гардидани қувваи зиёдатии кориро ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ дар солҳои истиқлолият ба деҳот овардани корхонаҳои саноатӣ, алалхусус рушд бахшидани соҳибкории хурду миёна, тадбиргарии хусусӣ вазифаи аввалиндараҷа пиндошта, самари хуби худро мебахшад. Шабакаҳои зиёди корхонаҳои саноатии мухталиф арзи ҳастӣ мекунанд, дараҷаи азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва омода сохтани маҳсулоти тайёр пайваста баланд мегардад.




Баробари ин дар деҳот миқдори корхонаҳои хурде, ки масолеҳи бинокорӣ тайёр мекунанд, шабакаҳои хизматрасонӣ сол то сол меафзоянд. Ҳунармандии халқӣ ҳам рушду такомули худро меёбад. Яъне дар деҳот аз саноат мустаҳкам ҷо пайдо карда, инфрасохтори он ба куллӣ тағйир меёбад. Алалхусус меъморӣ дар деҳот шаклу мазмуни миллиро дар ҳамоҳангӣ бо талабҳои меъмории замонавӣ ба худ гирифтааст. Ва ин дигаргунсозиҳоро ягон кас инкор намекунад ва ба инкор кардан ҳуқуқ ҳам надорад. Чунки ҳамаи онҳо дар пеши назари мо дар бадали ёздаҳ сол рух доданд, медиҳанд ва хоҳанд рух дод. Чунки халқи мо то чӣ андоза неъмати бузург будани истиқлолро бо тамоми ҳастӣ ҳис намуда, агар меҳнати зарбдоронаву ҳалол кунад, танҳо ба фоидаи худаш буданашро ҳам кайҳо дарк намудааст. Аз ин рӯ баъзе душвориҳои мавҷударо мардонавор бартараф сохта, ба сӯиояндаи дурахшони хеш қадамҳои дилпурона мегузорад.

Ва мо дар ин мақолаамон аз хусуси дастовардҳову комёбиҳоямон бо гапҳои умумӣ ҳарф задем ва баъзе далелу бурҳонҳоро овардем ва ҳаракат кардем, ки исбот карда диҳем, ки Ӯзбекистон дигар мамлакати аграрӣ нест ва агар ба мақсад расида бошем, нуран ало нур мегардид. Дар айни замон таъкид бояд кард, ки ҳар як чизро бо номаш гуфтан дар бобати исботи фикр воситаи муҳим аст. Аз ин рӯ дар мақолаҳои минбаъда аз хусуси комёбиҳои соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ҷумҳурият алоҳида-алоҳида ҳарф мезанем ва он далели исботи фикрҳое мегардад, ки дар боло ба забон гирифтем.

**Э.ТУРДИҚУЛОВ.**

# Дигаргунсозиҳои иҷтимоии деҳот

***Дар маҷлиси навбатии Комиссияи ҷумҳурӣ оиди амалӣ гардондани Барномаи таъминоти аҳолии деҳот бо оби ошомиданӣ ва гази табиӣ натиҷаҳои фаъолияти Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва ҳокимиятҳои вилоятҳо, вазоратҳо, идораҳо ва дигар ташкилотҳои ҷумҳурият дар нимаи якуми соли 2002 дар бобати иҷрои супоришот оиди ба шабакаҳои таъмини обу газ васл намудани қарияҳои аҳолинишини деҳот муҳокима гардид.***

Маҷлис таҳти сарпарастии ҷонишини Ңахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, раиси комиссия Р.Азимов гузашт.

Дар маҷлис зикр ёфт, ки дар моҳҳои январ-июни соли 2002 дар деҳот 993,9 километр хатти нақли об ва 1681,8 километр хатти нақли газ сохта, ба истифода супурда шуд ва суръати корҳо нисбати ҳамин давраи соли гузашта мутобиқан 1,3 ва 1,1 маротибаро ташкил медиҳад. Оби ошомиданӣ ба 249 деҳа, гази табиӣ бошад, ба 170 деҳа омад. Танҳо дар нимаи якуми сол маблағгузории асосӣ аз рӯи амалӣ гардондани барномаҳо зиёда аз 10,5 миллиард сӯмро ташкил дод.

Баробари ин қафомонӣ нисбати супориши муқарраргардида дар ин бобат ба назар мерасанд:

—оиди таъмин кардани қарияҳои аҳолинишини деҳот бо оби ошомиданӣ дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳои Андиҷон, Намангон, Сурхондарё, ҳамчунин ноҳияҳо, аз қабили Нукус, Қӯнғирот, Мӯйноқ, Амударё, Чимбой, Кегейлии Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, Ғиҷдувону Шофиркони вилояти Бухоро, Қамашӣ, Ғузори вилояти Қашқадарё, Навбаҳору Нуратои вилояти Навоӣ, Чусти вилояти Намангон, Қӯшработи вилояти Самарқанд, Бойсун, Олтинсой, Сариосиё, Шерободи вилояти Сурхондарё; оид ба таъмин будани қарияҳои аҳолинишин бо гази табиӣ дар вилоятҳои Андиҷон, Бухоро, Намангон, Сурхондарё ва Хоразм, ҳамчунин ноҳияҳо, аз қабили Мӯйноқ, Чимбой, Қароӯзак, Бӯзатови Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, Қӯрғонтеппа, Улуғнори вилояти Андиҷон, Олот, Ҷондор, Пешкӯи вилояти Бухоро, Фориши вилояти Ҷиззах, Чироқчӣ, Деҳқонободи вилояти Қашқадарё, Бойсун, Шеробод, Шӯрчӣ, Бандихони вилояти Сурхондарё, Ҳазораспи вилояти Хоразм.

Сохтмони хатти нақли гази магистралии дарозиаш 13,5 километр ва истгоҳи тақсимкунии газ дар ноҳияи Марҳамати вилояти Андиҷон ба истифода супурда шуд, ки бо гази табиӣ устувор таъмин кардани қарияҳои аҳолинишини вилоятро таъмин месозад. Сохтмони боз 11 шабакаи газ давом дорад, ки мебояд шаштояш дар нимаи дуюми соли кунун ба истифода супурда шаванд.

Ба оқилона истифода бурдани захираҳои мавҷудаи оби ошомиданӣ, ҳифзи манбаъҳои он аз ифлосшавӣ диққату эътибори махсус нигаронда шуд. Мувофиқи супориши комиссия Кумитаи давлатии геология Барномаи рушди корҳои гидрогеологӣ ва муҳандисиву геологиро то соли 2010 таҳия намуд, ки дар доираи он ҷустуҷӯ намудан ва дарёфти манбаъҳои нави оби ошомиданӣ барои қонеъ гардондани талаботи ба об доштани қарияҳои аҳолинишини деҳоти дурдаст пешбинӣ гардидааст. Тадқиқотҳо ҳудудҳои ҳавзаҳои дарёҳои Чирчиқ, Оҳангарон, Зарафшон, Қашқадарё, Сурхондарё, ҳамчунин минтақаҳои дашти Қароқуми Шарқӣ, Шимолу Шарқии онро фаро мегирад. Баробари ин тадқиқотҳои иловагӣ дар ноҳияҳое, ки манбаъҳои калони обро доранд ба мақсади вусъат додани имконияти таъминоти онҳо, пешгирӣ кардани бадсифатии об гузаронда мешаванд. Афзоиши умумии захираҳои оби ошомидании зеризаминӣ дар ин муддат беш аз 1 миллион метри мукаабро дар давоми якшабонарӯз ташкил медиҳад.

Ба сарварони ҳокимиятҳо ва умурҳои дахлдори таъминоти об ва тандурустӣ супурда шуд, ки вазъи санитариву эпидемиологиро дар қарияҳои аҳолинишин дар давраи тобистон ҷонибдорӣ карда, назорати қатъиро аз болои сифати оби истеъмолӣ, пешгирӣ кардани имкониятҳои маризиҳое таъмин созанд, ки тавассути об гузаштанашон мумкин аст.

Дар рафти маҷлис зарурати оқилонаву сарфакорона истифода бурдани захираҳои табиӣ ва сӯзишвориву энергетикӣ зикр ёфта, сарфа кардани онҳо, махсусан дар натиҷаи ба роҳ мондани ҳисобу китобашон дар ҳама ҷо муайян гардиданд.

Баробари ин зикр гардид, ки дар вилоятҳои Андиҷон, Бухоро, Ҷиззах, Қашқадарё, Навоӣ, Намангон, Самарқанд, Сурхондарё, Сирдарё ва Фарғона дараҷаи таъмин будан бо асбобу ускунаи ҳисобкунии газ, дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳои Андиҷон, Ҷиззах, Намангон, Самарқанд, Сурхондарё, Сирдарё, Тошканд ва вилояти Фарғона дараҷаи таъмин будан бо асбобу ускунаи ҳисобкунии об нисбати дараҷаи миёнаи ҷумҳурият паст мебошад.

Ба ҳамин муносибат ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо супурда шуд, ки суръати корҳоро оид ба азнавҷиҳозонии хазинаи манзил бо асбобҳои ҳисобкунии газу об махсусан дар деҳот баланд бардошта, дар фурсати кӯтоҳ тадбирҳоро оиди рағбатноксозии истеҳсоли онҳо ва гузоштанашон андешанд.

Аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул шуданд.

**(ӮзА).**

# Зангӯлаи огоҳии ҷамъият

***Дар даврони мо, ки мамлакат ба сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақаву қитъа бо мавқеву назар ва дидгоҳи худ ворид мегардад, барои ҷамъият ва алоқамандону дунболкунандагони авзои сиёсат равшан намудан ва иттилоъ расондан аз вазифаҳои муҳими расонаҳои ахбор мебошад. Институти тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон низ аз ин мақсадҳо пайгирӣ намуда, семинари дурӯзае тартиб дод, ки дар он журналистон, шореҳони сиёсӣ, сиёсатшиносон, устодони соҳаи журналистика ширкат доштанд.***

Дар Ӯзбекистон мисли дигар соҳаҳои барои кишвар нав тафсири сиёсӣ низ аз жанрҳои ҷавони риштаи журналистӣ ба шумор меравад ва дар ин мавзӯи нозуки хабарнигорӣ ба таври бояду шояд қалам кашидан дониши амиқи сиёсӣ ва дарк намудани мавқеву назари сиёсии кишвар ва кишварҳо тақозо мегардад. Гузашта аз ин барои фарди қаламбадаст мафҳуми геополитика ва манфиати мамлакати худ наздик ва маълум бояд бошад. Дар акси ҳол ӯ дар навиштаҳои худ наметавонад мамлакати хеш ва бегонаро фарқ кунад. Дар фазои журналистикаи ҷумҳурӣ ба якборагӣ тарбия намудан ва умуман ба савияи баланди касби журналисти шореҳи сиёсӣ расидан вақту фурсати тӯлонӣ тақозо мегардад, ки мисли ҳамаи дигар пешаҳо хабарнигор ва ё шореҳи ҳаводиси сиёсӣ самара ва ё таълими як солу ду сол намебошад ва аз ин боис ба иллати он ки дар даврони сохти шӯравӣ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба сари матбуот ва радиову телевизиони маҳаллии худ ихтиёр надоштанд, мафҳуми «шореҳи сиёсӣ» низ танҳо дар чанд соли охир дар воситаҳои ахбори оммавӣ рӯи кор омад ва дар сатҳи ҷумҳурии миллӣ ин тоифаи журналистон худро намоён карданд.

Як ҷиҳати дигари кор дар он аст, ки то чӣ андоза мардуми ҷумҳурӣ ин гуна маълумот, яъне воситаҳои ахборро дарёфт мекунад, ки аз он баҳра бардорад. Аммо дарёфт намудан ва ё тамошо кардану шунидани ахбор аз расонаҳои хабарӣ вобаста ба ҷову мамлакати нашри онҳо ҳар гуна мақсадҳои сиёсиву иҷтимоиро метавонад дастрас намояд. Муҳаққиқи институти номбурда Раҳим Маҳкамов маърӯзаи худро «Муаммоҳои фазои ягонаи ахбор дар Ӯзбекистони муосир» унвон гузоштааст, ки бино ба ӯ ҳоло беш аз 500 номгӯ нашрияи даврӣ дар Ӯзбекистон рӯи чопро мебинад, ки тиражи якбораи онҳо аз 3 млн. адад зиёд мебошад. Ба инобат бигирем, ки аҳолии ҷумҳурӣ ҳоло аз 25 млн. нафар хуруҷ намудааст, ин теъдод хеле кам мебошад. Аз шабакаҳои давлатии телевизионии ҷумҳурӣ бошад, канали якуми он 98,4 фоизи аҳолӣ, шабакаи дуюм («Ёшлар») 97 фоизи аҳолиро фаро гирифта метавонад. Ва шабакаи чоруми он ҳамагӣ барои 42 фоизи маконҳои аҳолинишини мамлакат пахш мегардад. Ин қадар ҳудуди ҷумҳуриро дарбар гирифтани шабакаҳои телевизиони мамлакат ҳанӯз далели он буда наметавонад, ки ҳамин қадар мардум намоишҳои телевизионро аз Тошканд тамошо мекунанд.

—Пурсишҳои иҷтимоии мо дар пойтахт ва атрофи он нишон дод, ки 60 фоизи тамошобинон хабарҳоро аз шабакаи телевизионии ОРТ-и Русия мешунидаанд,— мегӯяд мудири шӯъбаи институт Шафоат Нуруллоева, ки аз хусуси назари аҳолӣ ба мавзӯъҳои байналхалқӣ сӯҳбат намуд.—Боз ҳам 29 фоизи пурсидашудагон гуфтаанд, ки манбаи ахбори онҳо шабакаи телевизионии РТР (Русия) мебошад. Барои қиёс: «Ахборот»-и шабакаи I-уми телевизиони Ӯзбекистонро тибқи ин пурсиши иҷтимоӣ 19 фоиз тамошо мекардаанд.

Аз рӯи маълумоте, ки Ш.Нуруллоева зикр намуд, дар байни ахбори нашрӣ пурсидашудагон бештар маҳбубияти «Труд» (чопи Маскав)-ро таъкид намудаанд, ки онҳо 32 фоизро ташкил намудаанд. 28 фоизи онҳо манбаи иттилооти худро ҳафтаномаи чопи боз ҳамон Маскав «Аргументи и факти» хондаанд. Ва танҳо баъди ҳардуи ин нашрия аз ҳафтаномаҳои ғайриҳукуматии Ӯзбекистон ном бурдаанд. Дар ҳар сурат нисбат ба тоифае, ки аз гуфторҳои радио умуман қаноатманд нестанд (56 фоиз), нисбати газетаҳо ҳамагӣ 30 фоиз эътирози худро баён намудаанд.

Ин эътирози хонандагонро сармушовири Дастгоҳи Президенти Ӯзбекистон Шерзод Қудратхӯҷаев ба таври худ хеле содда шарҳ дод, ки ба назари ӯ тамоми нашрияҳои даврӣ дар муҳимтарин мавзӯъҳои сиёсӣ ва дигар ҳаводиси иҷтимоӣ хабар ва тафсираи ӮзА-ро дар саҳифаҳои худ ҷой медиҳанд ва ин барои хонандагон ҳам якранг менамояд ва ҳам билохира боиси дилсардии онҳо мегардад, ҳол он ки ҳеҷ кас барои сармуҳаррирон чунин супориш ва амрро «аз боло» раво намебинад. Ин танҳо иллати аз масъулият ва салоҳият гурехтани роҳбарони нашрияҳо мебошаду бас, вагарна чӣ ҷои истиҳола аст, ки ҳар як нашрияи алоҳида бо назардошти имконот ва мавҷудияти журналистони моҳири соҳаи сиёсат барои худ матолиби алоҳидаро таҳия намояд.

Дар семинар ба мавзӯи тарбияи кадрҳои соҳаи журналистикаи сиёсӣ дар сӯҳбатҳои устодони ин риштаи донишгоҳҳо зиёд садо дод ва зарурияти ҳарчи бештар ҷамъ омадани журналистони соҳаи тафсири сиёсӣ инчунин қайд гардид.

Дар ниҳояти кор мамлакати худро муаррифӣ намудан ва чӣ гуна барои берунихо шинос кардани журналист аз шаклу бӯю услуби матолиби он хеле вобастагӣ дорад. Ва то чӣ андоза воқеъбинона будани он боиси дилбастагӣ ва ё баръакс дилсардии хонанда ва ё шунавандаву бинанда низ мегардад. Аз ин боис дар семинар таъкид гардид,ки чунин «бозомӯзии» журналистон минбаъд низ идома дода шавад, зеро огоҳии ин зумра қаламбадастон зангӯлаи огоҳие мебошад, ки пушти гӯши раият ҳамеша садояш шунаво аст.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**шореҳи сиёсии «Овози тоҷик».**

